**ТКБ 8Т2**
**DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-119-124**

# ШЕВАИ ТАБЛИҒИ ҒОЯҲОИ БАРНОМАВИИ ҲИЗБҲОИ ҶУДОГОНА ДАР НАШРИЯҲОИ ДАВРӢ

**Бобоева Барночон Рауфовна,** унвонҷӯи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)

# СПОСОБЫ ПРОДВИЖЕНИЯ ПРОГРАММНЫХ ИДЕЙ ОТДЕЛЬНЫХ ПАРТИЙ В ПЕРИОДИЧЕСКИХ ИЗДАНИЯХ

**Бобоева Барноджон Рауфовна,** соискатель кафеды журналистики и теории перевода факультета таджикской филологии ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)

# WAYS TO PROMOTE PROGRAM IDEAS OF INDIVIDUAL PARTIES IN PERIODICALS

**Boboeva Barnojon Raufovna,** applicant of the department of journalism and theory of translation attached to the Faculty of Tajik Philology under the SEI "KhSU named by acad.B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),
**E-mail:** ilmvainnovatsiy@mail.ru

***Вожаҳои калидӣ:*** *журналистика, ҳизбҳои сиёсӣ, матбуот, таърихи матбуот, матбуоти ҳизбӣ, бозсозӣ, демократия, истиқлолият*

*Мақола ба баррасии масъалаи роҳҳои таблиғи ғояҳои барномавии ҳизбҳо дар нашрияҳои даврӣ бахшида шудааст.Қайд мешавад, ки матбуоти ҳизбӣ дар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ шакл гирифта, дар даврони истиқлолияти давлатӣ густариш пайдо кардааст. Дар оғози истиқлолияти миллӣ таъсиси якчанд ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ сурат гирифт, ки дар ташаккули матбуоти аҳзоби сиёсӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Матбуоти аҳзоби сиёсӣ дар Тоҷикистон дар замони истиқлолияти миллӣ ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Фаъолияти матбуоти аҳзоби сиёсӣ журналистикаи тоҷикро гуногунранг ва пурмазмун намуда, барои плюрализми сиёсӣ замина гузоштааст. Собит мешавад, ки барои дар амал татбиқ намудани ҳадаф ва мақсаду мароми худ ҳар гуна ҳаракату аҳзоб аз имкониятҳои ВАО истифода мекунад.ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, ҳамчун василаи пешкаш ва ташвиқу таблиғи ин ё он ҳадаф ва андешаву афкор ҳамеша нақши назаррас дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, аҳзоби сиёсии ҷаҳон ва Тоҷикистон низ дар тарғибу ташвиқи ғоя ва аҳдофу афкори худ аз ин васила ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар баробари ин ҳар як ҳизби сиёсӣ кӯшиш мекунад, ки нашрияи даврии худро дошта бошад. Имрӯз дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ расман фаъолият мекунанд, ки 6-тои онҳо нашрияҳои даврии худро соҳибанд. Таъсиси нашрияҳои ҳизбӣ аз муҳимтарин рӯйдодҳое маҳсуб меёбад, ки барои пешрафти сиёсат ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ ҷиддӣ аст, зеро ин падида, аз як ҷиҳат ҷомеаи демократиро муаррифӣ менамояд, аз ҷониби дигар, дар таъмини озодии сухан замина мегузорад. Ин омил, ки дар мақола муфассал инъикос шудааст, бешубҳа нақши ҳизбҳоро дар дигаргунии ҷомеа муҳим арзёбӣ мекунанд.*

***Ключевые слова:*** *журналистика, политические партии, пресса, история прессы, партийная пресса, восстановление, демократия, независимость*

*Статья посвящена партийной прессе Таджикистана, которая сформировалась в советское время и расширилась в период государственной независимости. В первые годы независимости страны был создан ряд политических партий и общественных организаций, что обеспечило благоприятную основу для формирования партийной прессы, деятельность которой внесла разнообразие и обогатила таджикскую журналистику, заложив основы политического плюрализма. Отмечается, что каждое движение использует возможности СМИ для реализации своих целей и задач и средства массовой информации, особенно периодическая печать, играет важную роль в представлении и продвижении определенных идей. Указывается на широкое использование возможности пропаганды своих идей и целей всеми политическими партиями мира, в том числе и Таджикистана, а также на стремление каждой политической партии иметь собственное периодическое издание. Сегодня в Таджикистане действуют 7 официальных политических партий, 6 из которых имеют собственные периодические издания. Подчеркивается, что создание партийных изданий – одно из важнейших событий в развитии политики и других*

*сфер общественной жизни, поскольку это явление, с одной стороны, представляет становление демократического общества, с другой – закладывает основы свободы слова, и это непосредственно влияет на изменения в обществе.*

***Key words:*** *journalism, political parties, press, press history, party press, restoration, democracy, independence*

*The Tajik party press was formed during the Soviet era and developed during the period of state independence. In the initial period of the country's independence, political parties and public organizations were created, which created a favorable environment for the development of the party press. The Tajik party press developed during the period of gaining national independence, the activities of the press of political parties introduced diversity and significantly enriched Tajik journalism, laid the foundations for political pluralism. It should be noted that for the realization of the goals and objectives of any movement or society, the media played an important role, which until now have retained their status and authority. The press continues to play an important role as a means of promoting and promoting a particular goal and ideas among other means of propaganda. In this regard, political parties of the world widely use this tool in the implementation of their goals and ideas. The activities of the party press positively influenced the development of domestic journalism, which is comprehensively reflected in this dissertation. Some party publications have ceased to exist, while others have faced difficulties of a qualitative and representative nature.Some party publications have become more active and have succeeded in creating provincial publications, which is welcome in all aspects. The establishment of party publications is one of the most important events influencing the promotion of politics and the development of other areas, since, on the one hand, they represent a democratic society, and on the other, they lay the foundation for freedom of speech, which undoubtedly enhances the role of parties in social change. Become aspects of research.*

Дар таърихи давлатдории навини ҳар халқу миллат ташаккул ва таҳаввулоти ҳизбҳо аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Зеро дар муҳити сиёсии замони муосир ҳизбҳои сиёсӣ дар густариш ва пешрафти сохтори давлатӣ нақши муассир гузоштаву хоҳанд гузошт.

Равшан аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои амалӣ намудани барномаҳои ҳизбии худ ва ворид шудан ба муҳити сиёсӣ, ҳамчунин тарғиби сиёсати худӣ, пеш аз ҳама, аз ВАО истифода менамоянд. Дар ҷаҳони муосир исбот гардидааст, ки яке аз воситаҳои муҳими тадбиқ намудани сиёсати ин ё он ҳукумат ВАО, бахусус матбуоти даврии он аст. Ин нуқта таъкиди он аст, ки матбуоти даврии ҳизбҳои сиёсӣ дар амалӣ намудани барномаи сиёсии худ нақш ва мавқеи бориз доранд.

Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ хуб ба роҳ монда шудааст, ки нишонгари фазои демократӣ ва озодии афкор аст. Тавре дар боби аввал баррасӣ шуд, имрӯз дар кишвари мо 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунанд, ки бо назардошти ҳадаф ва барномаҳои ҳизбиашон самтҳои мухталифи пешрафти ҷомеаро интихоб намудаанд [ 12,с.84].

Яке аз ҳизбҳое, ки аз оғози ворид гардидан ба арсаи сиёсат бо барнома ва мақсаду ҳадафҳои мушаххас дар муддати кӯтоҳ ба созмони бонуфузи сиёсӣ табдил ёфт ин Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад [11,с.79].

Агар матолиб ва навиштаҳои дар бораи ҳизби мазкур дарҷгардидаро мавриди мутолиа қарор диҳем, равшан мегарадад, ки органи марказии ин ҳизб – «Минбари халқ» дар муаррифӣ ва ташвиқи барномаҳои сиёсии худ аз фаъолтарин нашрияҳои ҳизбӣ ба шумор меравад. Раиси ин ҳизб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таъсис ва муаоррифии ҳизбҳои дигар чунин иброз намудаанд: «Ҳизби моро бошад ашхосе таъсис доданд, ки ҳокимият доштанд. Онҳо мехостанд ба давлатдорӣ, ба ҳамкории сиёсӣ ҳазорҳо нафар одамони ҳаммаслакашонро чалб кунанд, ки дар сояи мансабталошиҳо аз назар дур монда буданд. Як гурӯҳ ашхоси ҳамфикру ҳамақида, одамони касбу кори гуногун аз дастгоҳи роҳбарии давлат то олимону муаллимон, адибону рӯзноманигорон, деҳқонону коргарон ба мақсади ба вуҷуд овардани пояҳои идеологияи ҳизби нав барои тарғибу ташвиқи ғояҳои он дар байни мардум фаъолият мебурданд, Ҳизби мо чун раҳнамои демократия ба вуҷуд омад» [15,с.102].

Ин мулоҳизаи Раиси ҳизб як навъ оҳанги муаррифномаи ҳизб аст, ки бо шеваи баланд ифода шуда, ба зиёд шудани сафи аъзоёни он таъсири расонида метавонад. Ин суханонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муайян кардани мақоми ҳизб шинохти шахсияти аъзоёни ҳизб аҳамияти муҳим дорад. Яъне ӯ ишора ба он мекунад, ки ҳизби мо (яъне ҲХДТ) дар замоне ба вуҷуд омад, ки бархе аз ашхос даъвои мансабу давлат мекарданд ва барои ба даст овардани ҳокимият талош

доштанд. Аммо ҲХДТ, ки аз ҳар табақаи ҷомеа намоянда дошт, тавонист ҳадафҳои созандаи худро дар муҳити сисёсии кишвар пиёда созад. Ин оҳанги таъкид табиист, ки дар бедор намудани эҳсоси мусбат нисбат ба ҲХДТ мусоидат мекунад. Вақте хонанда ба дарки чунин гуфтаҳо мерасад, албатта нисбат ба ба ин ҳизбэътимодаш зиёд мешавад. Аз ҳамин сабаб матбуоти даврии ин ҳизб барои мунтазам муаррифӣ намудани он аз ҳар гуна нуқтаҳои муассир истифода менамояд. Дар иқтибоси мазкур, ки аз нашрияи «Минбари халқ» гирифта шуд, натанҳо хонанда аз мавқеи иҷтимоии аъзоёни ҳизби мазкур огоҳӣ пайдо мекунад, балки аз таъкиди боварибахши раиси ҳизб «Ҳизби мо чун раҳнамои демократия ба вуҷуд омад», перомуни ояндаи он бетараф буда наметавонад [8,с.27-34]. Аз ҷиҳати дигар, нашри чунин андеша дар нашрия ва паҳн гардидани он дар миёни ҷомеа дар афзун намудани аъзоёни ҳизб низ муассир буда метавонад. Ин гуна ишораҳо нисбат ба ҲХДТ дар матбуоти даврии ин ҳизб, ҳамчунин нашрияҳои дигар зиёд ба назар мерасад, ки моҳиятан мақсад ва вазифаҳои аслии ҳизбро ифода мекунанд [6,с.27-34].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки нашрияҳои даврии ҲХДТ дар ҳар шумора, гоҳо дар ҳар мавод дар бораи пешрафтҳои ояндаи ҳизб, ҷалби таваҷҷуҳи муштариён эътибори хосса медиҳад. Барномаҳои пешазинтихоботӣ як навъ маводи омӯзишӣ ва муаррифкунандаи фаъолияти ҳизб ба шумор мераванд. Барномаҳои пешазинтихоботии парлумонӣ ва президентӣ, ки фаъолияти минбаъдаи ҳизбро бозгӯ месозанд, дар рӯзномаҳои ҳизбӣ на танҳо нашр мегарданд, балки шарҳу тавзеҳ меёбанд. Чунончи, дар арафаи интихоботи парлумонии солҳои 2015-2020 нашрияи «Минбари халқ» шиори ҲХДТ – «Ояндаро бо ҳам месозем»-ро дар ҳар шумора таъкид сохтааст [7, с.258].

Матбуоти ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон низ дар инъикоси ҳадаф ва барномаи сиёсии худ аз ҳар гуна восита ва имконоти нашрияҳои худ истифода намудааст. Агар ба навиштаи нашрияҳои даврии ин ҳизб мутаваҷеҳ шавем, ба осони пай мебарем, ки муаррифӣ ва мавқеи он дар мазмуни иқтибоси зайл баён гардидааст: «Ҳизби сотсиолистии Тоҷикистон ба принсипҳои ахлоқии инсонпарварӣ ва арзишҳои умумибашарӣ истинод менамояд ва ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнаткашон (табақаҳои миёна ва поёнии ҷомеа), қатъи назар аз мансубияти миллӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва мансаб мебарояд. Муттаҳид намудани оммаҳои халқ ба мақсади аз бухрони иқтисодӣ ва сиёсӣ баровардани мамлакат, барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд тантанаи адолати иҷтимоӣ, дар ҳар шакл роҳ надодан ба қонуншиканиҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, иштирок дар интихоботҳои мақомоти қонунгузор ва маснади президентӣ, мақсадҳои ҳизб эълон карда мешаванд»[9, с.68].

Ҳизби мазкур низ дар муаррифии фаъолияти худ аз матбуоти даврӣ ба таври васеъ истифода намуда, ҳадафҳояшро мушаххасан ба мардум – ҷонибдоронаш расонидааст. Масалан, дар шумораи № 61-уми нашрияи даврии «Иттиҳод» мақолаи раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон А. Ғаффоров бо номи «Ҳадаф-таъмини адолати иҷтимоӣ» нашр шудааст, ки дар он ҳадаф ва принсипҳои ҳизби мазкурро чунин арзёби шудааст: «Ҳизби моро, ки ҷавҳарашро адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, маромаш бо нахустмоддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати моро давлати иҷтимоӣ эълон доштааст, як мебошад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша дар талоши он ҳастем, ки адолати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таъмин бошад. Ҳар як сокини кишвар новобаста аз табақаи иҷтимоиаш, бояд аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор бошад, ки инро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад. Бояд зикр кард, ки ҳизби мо дар фаъолияти бисёрсолаи худ роҳи басо пуршебу фарозеро тай кардааст. Буданд шахсоне, ки манфиатҳои шахсии худро аз манфиатҳои миллию давлатӣ ва ҳизбӣ боло мегузоштанд. Мо тавонистем чунин ашхосро аз сафи ҳизб дур созем ва сафарамонро аз одамони содиқ ва ба ғояҳои созандаву ватанпарваронаи ҳизб пурра намоем. Имрӯз дар сафҳои мо ашхосе ҳастанд, ки дар ҳақиқат, ба ғояву ақидаҳои ҳизб содиқанд ва дар маъракаҳои сиёсию фарҳангӣ ширкат варзида, ёрии хешро ҷиҳати беҳбуд бахшидан ба фаъолияти ҳизб дареғ намедоранд» [2].

Ин гуна матолиб дар инъикоси мавқеъ ва мақоми ҳизб аз ҳар ҷиҳат қобили боварӣ хоҳад буд. Аммо мусаллам аст, ки дар аксари барномаҳои пешазинтихобии ҳизбҳои сиёсӣ мо матолиби ба ин монандро мушоҳида мекунем. Аз таъкидҳои ин ҳизби сиёсӣ метавон дарёфт, ки он дар мавридҳои зарурӣ аз нашрияҳои даврии худ ва ҳамчун дигар истифода карда метавонад. Дар аксари адабиёти марбут ба сиёсат ва фаъолияти ҳизбҳо таъкид гардида, ки аҳзоби сиёсӣ бояд матбуоти худро бо навиштаҳое пур кунанд, ки мақсад ва мароми онҳоро ифода карда тавонанд, барои амали гардидани барномаву тасмимҳояшон мусоидат кунанд [1,с.136].

Ҳизби демократии Тоҷикистон низ дар муаррифӣ ва таъкиди ҳадафҳои худ аз имконоти нашрияи худ ва нашрияҳои дигар ба таври васеъ истифода мебарад. Бахусус, намояндагони ин ҳизб дар арафаи маъракаҳои сиёсӣ – интихобот аз ҳастии худ дарак медиҳанд ва ҳадаф ва барномаи худро тавассути нашрияҳои даврӣ инъикосу тарғиб месозанд. Ба далели фикр ба матлаби зайл, ки дар он ҳадафҳои ин ҳизб бозгӯ шудааст, муроҷиат мекунем. «Ҳизби демократии Тоҷикистон бо санадҳои барномавии худ дар маъракаи интихоботи 27-уми феврали соли 2000 ширкат варзид. Номзадҳои ҳизб ба парламенти ҷумҳурӣ чунин мешуморанд, ки онҳо барои ҷомеаи воқеан демократӣ меарзанд, ки дар чунин ҷомеа мардум тавассути намояндагони худ давлатро идора мекунанд. Омили асосии давлати демократӣ аз якдигар ҷудо будани се шохаи ҳокимият – ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ мебошад. Дар ҷомеаи демократӣ танзими кори ин се шохаи ҳокимият аз рӯи принсипи худидорӣ ва муқовимат бояд амал намояд, дар акси ҳол эҳтимоли ба тасарруфи мутлақи як шоха – ҳокимияти иҷроия расидан меафзояд».

Аз ин матлаб метавон дарёфт, ки он асосан барои муаррифии ҳизб нигошта шудааст, бинобар ин ҳадафу мароми он асосан ба таври мусбат арзёбӣ шудааст. Як хусусияти ин гуна муаррифиҳо дар он аст, ки аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизби мавриди назар дар шарҳу тарғиби барномаи худ, барномаи ҳизбҳои дигарро паст мезананд, ки ин аз назари сиёсати фаъолияти ҳизбҳо дуруст нест. Ҳар як ҳизбро мебояд аз имконоти матбуоти даврӣ, бахусус нашрияҳои худ чунон истифода намояд, ки боиси паст задани мақом ва мавқеи сиёсии ҳизбҳои дигар нагардад. Ба ибораи дигар, дар арсаи муборизаҳои сиёсӣ аз ҳисоби паст задани обрӯи ҳизбҳои дигар мавқеъ пайдо кардан номумкин аст, зеро мардум ин усулро намеписанданд ва он натиҷаи баръакс доданаш мумкин аст. Барномаи пешазинтихоботии ҳизби демократи Тоҷикистон аз соли 2013 инҷониб дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ бо таҷдиду таҳрир дар рӯзномаи «Истиқлол», хусусан дар шумораҳои махсуси он бозчоп мешавад. Дар ин шумора, асосан дар бораи таърихи ҳизб, фаъолияти он, мақсад ва вазифаҳои нав, аъзоёни фаъол, шахсони барои иштирок дар интихоботҳои сатҳи гуногун иштироккунанда маълумот дода шудааст. Аз ҷумла қайд дар яке аз шумораҳои махсус мехонем «ҲДТ имрӯз аз нав ба фазои сиёсии Тоҷикистон ворид шуд ва бештарин сомонаҳои шаҳриву ноҳиявии он дубора ба фаъолият оғоз карданд. Раиси тозаинтихоб С.Исмонов тавонист ҲДТ-ро аз бухрони дохилиҳизбӣ берун барорад ва ба мушкилоти асосии дохилиҳизбӣ хотима бахшад. Ӯ тавонист ҳамаи гуруҳҳои парокандаро дубора ба сафҳои ҳизб даъват кард ва нуфузи ҳизбро бо иштирокаш дар интихоботи президентии Тоҷикистон (6.11.2013) ба маротиб боло бардорад» [3]. Дар ҳамин шумора Барномаи пешазинтихоботии ин ҳизб барои иштирок дар маъракаи интихоботи вакилони маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ низ нашр гардидааст, ки он аз панҷ самт: сиёсат, иқтисодиёт, ҳаёти иҷтимоӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти миллӣ ва ҳаёти фарҳангиро фаро гирифтааст [14].

Ҳизби коммунистии Тоҷикистон чун ҳизби собиқадор дар ҳар маврид мақоми аз дастрафтаи худро такрор ба такрор ёд мекунад ва бо бозгӯ сохтани зиндагонии замони шӯравӣ, ки даврони фаровонӣ будааст, таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб месозад ва ба ин васила мақсаду вазифаҳои худро одилона ва инсондӯстона муаррифӣ мекунад. Ин мазмунро дар навиштаи зерин, ки дар нашрияи марказии ин ҳизб – «Коммунисти Тоҷикистон» интишор гардидааст, ошкоро пай бурдан мумкин аст. «КТ дар замони шӯравӣ 124 ҳазор аъзо дошт. Аксари онҳо ҷавонони то 30-солаанд. 63 фоизи ҳайати ҳизб намояндагони аҳли меҳнат, коргарон ва деҳқонон, зиёиён мебошанд. Қабули аъзоёни нав тавассути рӯйхати коллективӣ не, балки ба тарзи инфиродӣ сурат мегирад. Дар 63 ноҳия, вилояту шаҳр ва муассисаву корхонаҳо созмонҳои ибтидои амал мекунанд. Синну соли аъзои ҲКТ ба ҳисоби миёна андаке беш аз 40-сола ташкил дорад. Ба қавли раиси онвақтаи ҳизб Ш. Д. Шабдолов, ин ҳизби нафақахӯрон нест, чуноне ки баъзе «хайрхоҳон»-и мо мегӯянд» [4].

Ин матлаб як навъ оҳанги гила ва норизоӣ аз ҳизбҳои сиёсии дигар, бахусус ҳизбҳои пешбарандаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки дар аксари навиштаҳои ҲКТ ҳиссиёти норизоӣ аз муҳити сиёсӣ ва фаъолияти камфаъоли ҳизбҳои дигар ба ҳукми анъана даромадааст.

Чунончи, дар шумораи навбатии нашрияи даврии «Коммунисти Тоҷикистон» Барномаи пешазинтихоботии номзади ин ҳизб ба мансаби Президентӣ Абдуллоев Мироҷ Санонович таҳти унвони «Таъмини адолати иҷтимоӣ мароми мост!» нашр гардидааст. Таҳиякунандагони ин ҳуҷҷат моҳияти барнома ва самтҳои онро шарҳ дода, аз ҷумла таъкид кардаанд: «принсипи

ҳизб аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас муовофиқи меҳнаташ» мебошад, ки асоси адолати иҷтимоиро таъмин менамояд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё ин принсип дар барномаҳои азҳоби сиёсии дигар нест. Ҳама ҳизбҳои сиёсӣ ин принсипи муносибат ба фаъолияти инсониро таъкид месозанд ва барои тадбиқи он мекӯшанд. Бо вуҷуди ин Барномаи пешазинтихоботии ин ҳизб, ки дар нашрияи мазкур интишор гардидааст, бо бобҳои «ислоҳоти идоракунӣ», «таъмини волоияти қонун ва ислоҳоти судию ҳуқуқӣ» ва «дар самти сиёсати хориҷӣ» аз барномаҳои азҳоби сиёсии дигар фарқ мекунад. Ин фарқро, пеш аз ҳама, дар риояи «адолати иҷтимоӣ» метавон нисбат дод.

Рӯзномаи «Меҳргон» барномаи пешазинтихоботии номзади Ҳизби аграрии Тоҷикистонро ба мансаби Президентӣ, ки аз 6 боб иборат аст, нашр кардааст. Ин бахшҳо сиёсати дохилӣ, сиёсати байналмилалӣ ва таъмини амният, иқтисодиет, иҷтимоиет, ҳифзи оила, модар ва кӯдак ва ҷавононро дар бар мегиранд.

Номзади ин ҳизб ба мансаби Президентии Тоҷикистон Рустам Латифзода Барномаи пешазинтихоботии худро пурратар намуда, ду бахши дигар «Сиёсати бахши аграрӣ» ва «бахши илм ва маориф»-ро илова намудааст [10].

Тавре ишора намудем, азҳоби сиёсии кишвар дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ аз минбари нашрияҳои даврии мустақил низ истифода кардаанд. Аниқтараш, ин типи нашрияҳои даврӣ бо намояндагони азҳоби сиёсӣ доир ба барномаву вазифаҳояшон мусоҳибаҳо ташкил намудаанд. Чунончи, нашрияи «Самак» бо раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Саидҷаъфар Исмонзода, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффоров мусоҳибаҳо оростааст, ки аввали таҳти унвони «Имкони 30 млн ҷои корӣ дорем», ва дуюмӣ бо номи «Ҷонибдорони Кенҷаев аз мо дастгирӣ мекунанд» дар ҳамин нашрияи даврӣ ба табъ расидааст.

Миёни раисои азҳоби сиёсӣ раиси Ҳизби сотсиал демократи Тоҷикистон Раҳматилло Зойиров бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус Фейсбук истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, аз омӯзиши нуқтаҳои барномавии дар нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ дарҷгардида метавон чунин натиҷа гирифт:

–ҳизбҳои сиёсӣ барои таблиғи ҳадафҳои барномавии худӣ аз органи марказии худ ва нашрияҳои даврии дигар бештар дар арафаи маъракаҳои интихоботӣ истифода кардаанд;

– дар муқоиса бо нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ, нашрияи марказии ҲХДТ – «Минбари халқ» ва нашрияи даврии вилоятии он «Сухани халқ» дар бозтоби саҳм ва мавқеи ин ҳизб дар эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократии Тоҷикистон нақши нишонрас дорад;

–нашрияҳои даврии ҲДТ ҳангоми барасии барномаҳои сиёсии худ, бештар ба як нуқта, яъне бо истиқлолият ҳамрадиф будани худ, таъкид намудаанд, ки ин тарзи ифодаи матлабро метавон аз шеваи хоси нашрияи ин ҳизб – «Адолат» ва «Истиқлол» маҳсуб донист. Ин нашрияҳои даврӣ дар мавқеи худ устувор буда, матолиберо дарҷ кардаанд, ки сиёсати пешгирифтаи ҳизби худро муқарраран бозгӯ менамоянд;

–дар нашрияҳои даврии ҲКТ «Нидои ранҷбар» ва «Коммунисти Тоҷикистон» бартариҳои сиёсати замони Шӯравӣ мунтазам тавсиф ва таъкид мешавад, намояндагони ин ҳизб низ дар ҳар гуна гуфтор ва навиштор ин нуктаро зикр намудаанд, ки ин тасмимҳои таблиғи сиёсати ин ҳизб дарак медиҳад;

–нашрияи «Меҳргон» аслан, сиёсати Ҳизби аграри Тоҷикистонро дар алоқамандӣ бо масъалаҳои соҳаи кишоварзӣ муаррифӣ намудааст;

– ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар инъикоси ғояҳои барномавӣ ва барномаҳои номзадҳои худ, тавассути нашрияҳои даврӣ, аз усулҳои гуногуни таблиғу ташвиқ ба қадри тавон кор гирифтаанд;

– миёни нашрияҳои даврии азҳоби сиёсӣ, танҳо нашрияҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мунтазам бо теъдоди зиёд интишор гардида, дар баробари тарғиби ғояҳои ҳизб, масъалаҳои муҳими ҷомеаро низ инъикос менамояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Бабаев, К.Ф. Политическая партия на выборах 2005 года: Справочник / К.Ф. Бабаев.– Душанбе: Ирфон, 2006.– С.136
2. “Иттиҳод” – Нашрияи Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон – 1997-2019.
3. “Истиқлол” – Нашрияи Ҳизби демократии Тоҷикистон – 2013-2020.
4. “Коммунист Таджикистана” – Нашрияи Ҳизби коммунисти Тоҷикистон – 2009-2019.

5. Корконосенко, С.Г. Политическая журналистика / С.Г. Корконосенко. – Москва, 2015, – С.15
6. Қутбиддинов, А. Нақши ВАО дар тарғибу тарбияи тафаккури нав // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 3 (35). – С.27-34.
7. Қурбонова, Ш. И. Фаъолияти ҲХДТ дар солҳои 1994-2019 / Ш.И. Қурбонова.–Душанбе, 2019. – С.285
8. Қутбиддинов, А. Нақши ВАО дар тарғибу тарбияи тафаккури нав /А.Қутбиддинов// Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – № 3 (35). – С.27-34.
9. Муллоев, Ш.Б. История таджикской журналистики/Ш.Б.Муллоев.–Душанбе, 2009. – С.68
10. “Минбари халқ” – Нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – 1996- 2019.
11. Набиев, В.М.Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – нерӯи пешбари ҷомеаи муосир (Маҷмӯаи мақолаҳо / В.М. Набиев И. Ҷабборов.– Хуҷанд: Ношир, 2019.– С.79
12. Оқилова, М.М. Бисёрҳизбият ё низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон / М.М.Оқилова //Ахбори ДДҲБСТ.– Хуҷанд.– 2016.– №2 (67).– С 84, 86-87, 92.
13. Рӯзиев, Б. М., Политические партии Таджикистана в современных условиях/ Б. М. Рӯзиев, В.М. Набиев.-Хуҷанд, 2001.- 60 с.
14. “Сухани халқ” – Нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – 2008- 2019.
15. Шарифзода, Қ. Газета/Ш.Қироншоҳ.–Душанбе, 2016.–102 с.

**REFERENCES:**

1 Azizov, A. Methodology of technology education (labor education) in the system of competent attitude/A. Azizov, M. Saifudinov, F. Muminov, M. Juraev. - Dushanbe, Education. 2018. - 363 p.
2. Gagich, A.E. Fundamentals of visual teaching of drawing / A.E. Gagich Karachaevsk, 1972.-364 p.
3. Kamensky, Ya.A. Great didactics / Ya.A. Kamenskaya.-M., 1955.- 277 p.
4. Leontiev, A.N. Essay on the development of the psyche / A.N. Leontiev.-M., 1947.-17 p.
5.Lutfulloev, M. National pedagogy of the Tajik people (pedagogical works, volume 6). Dushanbe-2015.- 407 p.
6.Marx. K and Engels. F. Collected Works, Vol.1. M., 1950.-81 p.
7.Pavlov, I.P. The Twenty Years of Objective Study of Animal Higher Nervous Activity (Behavior) / I.P. Pavlov. - 1938. - 597 p.
8. Popova, M.M. Tsit, based on the book An Illustrated History of Drawing Methods, St. Petersburg, 1909.-12 p.
9. Rubinshtein, S.L. "Fundamentals of General Psychology" / S.L. Rubinstein.- M., 1973.-341 p.
10. Sechenov, I.M. "Selected Works".-M., 1947.- 433 p. teachers.-M.: Education, 1991. - 288 p.
11. Ushinsky, K.D. Selected pedagogical works, v.11, Uchpedgiz, 1993.-156 p.
12. Ushinsky, K.D. Collected works, v.6, Publishing House of the APN of the RSFSR, 1949.-265 p.
13. Friedman, L.M. Psychological reference book of the teacher / L.M. Fridman, I.Yu. Kulagina. – M.:Education, 1991. - 288s.
14. Ginzburg I. V. P. P. Chistyakov and his pedagogical system. L.-M.: Iskusstvo, 1940.-204 p..